Суратмаҷлиси №2

маҷлиси Шурои диссертатсионии 6 D КОА-067 назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.00.00 - Илмҳои филологӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик ва 10.02.01 – Забони тоҷикӣ) ва 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ)

28 феврали соли 2023 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
аз 15 нафар узви
шуро 14 нафар

**Рӯзнома**:

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи **Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир** дар мавзуи “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 - Фолклоршиносӣ) (мушовири илмӣ, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Сатторов А. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир ба Шурои диссертатсионӣ.

**Гузориш дода шуд:**

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ д.и.ф. Юсуфов У. маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаи илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Қосимӣ Саъдӣ Абдулқодир дар мавзуи “Поэтикаи сурудҳои халқии тоҷикӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.09 -

Фолклоршиносӣ) (мушовири илмӣ, доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Раҳмонов Равшан Қаҳҳорович) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

-Восиева Рухшона Қурбоновна, доктори илми филология, узви шуро, раиси комиссияи ташхис;

-Давлатбеков Лоло Мирзоевич, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

- Абдулназаров Абдулназар Абдулқодирович, доктори илми филология, узви шуро, узви комиссияи ташхис.

Қарор карда шуд: тарафдор -14 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Сатторов А.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Юсуфов У.